МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

Terre des hommes
Helping children worldwide.

# МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ДАР ХОНА




юнисеф

барои ҳар як кӯдак

# Киҳо ҳуқуқ доранд аз Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона баҳра баранд ва кадом ҳуҷҷатҳо бояд ба онҳо пешниҳод карда шавад?

## ҶАВОБ:

**Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби Марказҳо ба таври ройгон тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ба шахсони зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- Собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ва ҳамсарони ҷанговарони дар ин ҷанг ҳалокгардида;
- Маъюбон, аз ҷумла кӯдакони маъюб;
- Оилаҳое, ки дар ҳайати худ ду ва зиёда маъюб доранд;
- Шахсони пиронсол, ки қобилияти худхизматрасониро қисман ё пурра гум кардаанд, аз ҷумла шахсоне, ки яккаю танҳо зиндагӣ мекунанд;
- Шахсоне, ки ҷойи истиқомати муайян надоранд;
- Беморони паллиативӣ;
- Ноболиғоне, ки дар муҳити иҷтимоии хатарнок қарор доранд;
- Ноболиғоне, ки бе парастории волидайн мондаанд;
- Модарони танҳои ноболиғ, ки тифлони хурдсол доранд;
- Ноболиғони ҳомиладори танҳо;
- Шахсоне, ки бесаробон мондаанд ва манбаи даромад надоранд;
- Шахсоне, ки қурбонии истисмори меҳнатӣ ё шаҳвонӣ шудаанд;
- Шахсоне, ки дар натиҷаи садамаҳои техногенӣ (аз ҷумла садама дар Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил), ҳолатҳои фавқулодда, амалиётҳои ҳарбӣ зарар дидаанд;
- Оилаҳои нопурра бо кӯдакони ноболиг, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд;
- Занон ва кӯдаконе, ки аз ҳаргуна шаклҳои зӯроварӣ зарардидаанд;
- Гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, ҳамчунин, қурбониёни савдои одамон ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки ҳамсаронашон онҳоро партофтаанд ё кӯмак намекунанд;
- Дигар шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта ваё шахсоне, ки ба хизматрасонии таъҷилӣ эҳтиёҷ доранд.*

*(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.12.2012, №724 “Дар бораи Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ” ва илова ба он аз 2.07.2015, № 448)



**БАҚАЙДГИРӢ барои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, агар асосҳои дигареро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ накарда бошад, дар асосҳои зерин ба амал бароварда мешавад:**

- Аризаи шахсии шаҳрвандон ва ё намояндаҳои қонунии онҳо дар бораи расонидани хизматҳои иҷтимоӣ;
- Ҳуҷҷати муаррификунандаи шахсияти шаҳрванд (шиноснома, ҳуҷҷатҳои дигари муаррификунандаи шахсият);
- Хулосаи муассисаҳои дахлдори тиббию санитарӣ дар бораи надоштани бемориҳое, ки имконияти ба хизматрасониҳои Марказҳо фаро гирифтани шахсро истисно мекунанд;
- Санади муоинаи шароити моддию маишии зист, ки пас аз пешниҳоди ариза аз ҷониби шаҳрванди ниёзманд ба хизматрасонии иҷтимоӣ пур карда мешавад (замима мегардад);
- **Дар асоси Моддаи 12, банди 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми ба онҳо расонидани хизмати иҷтимоӣ:**

Шаҳрвандони дорои бактерия ё вирус, гирифтори бемории доимии майзадагӣ, бемориҳои гузарандаи карантинӣ, намуди хуруҷкунандаи бемории сил, иллати вазнини рӯҳӣ, касалиҳои олоти таносул ва ғайраҳо мебошанд, ки дар муассисаҳои махсуси тандурустӣ табобат карданро тақозо менамоянд, барояшон расонидани хизмати иҷтимоӣ дар хона рад карда мешавад. Дар ин маврид рад кардани хизматрасонии иҷтимоӣ бо хулосаи якҷояи мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва комиссияи духтурон-машваратчиёни муассисаи нигаҳдории тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.

**МАЪЛУМОТ оид ба МХИдХ:**

***Марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ*** дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - Марказҳо) сохтори таркибии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, барои татбиқи мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ”, аз ҷумла баҳри қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба хизматрасонии иҷтимоӣ ва расонидани кӯмак ба шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси ҳамин Низомнома таъсис дода мешаванд.



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.